ҶӮРА ҲОШИМӢ

# АЗ ЯК-ЯК ТО ЛАК-ЛАК



ДУШАНБЕ

Х - 85.

Ҷӯра Ҳошимӣ

# АЗ ЯК-ЯК ТО ЛАК-ЛАК

(Маводи ёрирасони таълими ҳисобдониву китобхонӣ барои бачагони синни томактабӣ ва хурди мактабӣ)

Душанбе
"Маориф"
2000

ББК

**Ҷӯра Ҳошимӣ. Аз як-як то лак-лак**

"Аз як-як то лак-лак" маҷмӯаи нави шеърҳои Ҷӯра Ҳошимист, ки бо хонандагонаш дар мавзӯи рақамҳо ва ҳарфҳо сӯҳбат мекунад. Аз ин рӯ маводи хуби ёрирасони ҳисобдониву китобхонист барои бачагони синни томактабӣ ва хурди мактабӣ. Бо тавсияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба нашр мерасад.

Китобхонаи бачагонаи
12041

500200000
X———00
504(12)-2000

© Ҷ. Ҳошимӣ, 2000

## ДӮСТИ АЗИЗ!

Китобе, ки дар даст дорӣ, шарики туст, дар китобхонӣ ва ҳисобдониат ёрӣ медиҳад. Мадад мекунад, ки хондану навиштанро тезтару беҳтар ёд гирӣ. Аз як-як то даҳ ва аз даҳ то лак-лак (як лак сад ҳазор аст) шумурда тавонӣ. Ҷамъу тарҳ ва зарбу тақсимро хуб шиносӣ. Ҳамроҳи ададҳои Яку Як сайругашт бикунӣ, ба ҳоли Дуйи нодон ва Лаклаки сагшумор хуш бихандӣ. Вале ҳушёр бошу кӯшиш кун, ки барои нодонию нотавониат ба ҳоли ту дигарон нахананданд.

Ин китоб ба ту ёрӣ медиҳад, ки дигаронро бидонӣ ва дар муқоиса бо онҳо худро шиносӣ, бартарию камтарӣ ва неку бади худро бинӣ. Бидон, ки ҳар кӣ худро шиносад, Худоро хӯбтар шиносад.

Бояд бигӯям, ки дар дасти ту китоби шеърҳост, ки онҳоро шоир Ҷӯра Ҳошимӣ

навиштааст ва барои он навиштааст, ки монанди ту ҳамаи бачаҳои хуб хонанд ва аз бар кунанд. Агар як бор хониву як сӯ монӣ, ин шеърҳо дар ин китоб мемонанд ва агар батакрор хонӣ, ба дилу хотират мегузаранд, дар ёди ту нақш мебанданд, аз они ту мешаванд.

Пас бикӯш, ки ин шеърҳоро азёд бикунӣ.

**Дӯсти азиз!** Китобро эҳтиёт кун, ба ҳар ҷо нагузор ва тоза нигаҳ дор, ки бачаҳои дигар ҳам аз он баҳра бурда тавонанд. Одам бояд китобро озода нигаҳ дорад, хор шудан нагузорад. Ҳар хурдсоле, ки китобдӯст бошад, китобҳоро бо дидаву дил хонад ва онҳоро покиза нигаҳ дорад, бачаи нағз аст. Бачаи нағзро ҳама дӯст медорад.

Орзу мекунам, ки сиҳату саломат ва боақлу ҳуш бошӣ ва ҳамчун китобхону ҳисобдони хуб калон шавӣ.

*Убайди Раҷаб,*
Шоири мардумии Тоҷикистон

## АЛЛА

Як дошт якто бачае,
Яктою танҳо бачае.

Як бор Як ҳангоми хуфт
Яктоякашро алла гуфт:

-- Эй навбаҳорам, аллаё!
Эй сад ҳазорам, аллаё!

Эй ҷон ба ҷонам, аллаё!
Эй миллионам, аллаё!

Эй бачамардам, аллаё!
Эй миллиардам, аллаё!

Эй ифтихорам, аллаё!
Эй бешуморам. аллаё!

## ЯК ҶАМЪИ ДУ

Боре бигуфто Як ба Ду:
-- Чанд аст ҷамъи ман ва ту?

Ду фикр карду гуфт:
-- Ҳафт!
Бечора Як аз ҳуш рафт.

* * *

Се мешавад Як ҷамъи Ду,
Эй Дуйи нодон, ҳайфи ту!

# ЯК ТАҚСИМИ ДУ

Як кори ганда шуд:
Як калла канда шуд!

Як каллаи калон,
Як каллаи гарон.

Як каллаи аҷиб,
Як каллаи базеб.

Бе ҳеҷ канданаш
Афтид аз танаш.

Раҳ бурд бар замин,
Бархӯрд бар замин.

Тақсим шуд ба ду,
Во, каллаи каду!

# ДУ ЛОНА - ДАР ДӮЛОНА

Дар шохаки дӯлона
Пайдо шуда ду лона.

Ду лонаи ҳамсоя,
Ду лонаи ҳампоя.

Ду лона, ки ҳамвора
Ҷунбанда чу гаҳвора.

Ду лонаи ҳамчун дил,
Ду дил, ки ба ҳам моил.

Ду лона -- пур аз ово,
Аз булбулак аст оё?

Аз булбулак асло на,
Аз саъваяк ин лона!

# СЕГОНА

Се додаракон буданд,
Бе хоҳаракон буданд.

Се ёри қарин буданд.
Се тори зарин буданд.

Се бабри дамон буданд,
Се тобу тавон буданд.

Се ҷомаало буданд,
Се шӯху бало буданд.

Се марги мушак буданд,
Зеро ки . . . пушак буданд.

## СЕ ХУРМО

Бингар ин се хурморо,
Ҳар се гӯяд: «Хур моро!»

Ҳар сеяш ҳам хурмо нест,
Фанде бидҳад пур моро.

Ин ҳар се хурмо мебуд,
Чун мегуфт ин тур моро?

Мо хӯрем, аммо хӯрем,
Танҳо се нохурморо.

Мебахшед, эй се хурмо,
Чун хурмонохур моро...

## МУСИҚИИ ХОМӮШӢ

Як дам! Як дам бе гап шин,
Як дам хомӯшу хап шин.

Олам гардад чун хомӯш,
Хомӯш андоз онро гӯш.

Хомӯшӣ ояд хомӯш,
Як дам осояд то гӯш.

Хомӯшӣ ояд дар дил,
Шавқе бахшояд бар дил.

Хомӯшӣ ояд дар ҷон,
Ҷоне афзояд бар ҷон.

Бишнав, дорӣ то гӯше,
Мусиқии хомӯшӣ.

# РОҲРАВӢ

Бархост ӯ аз ҷои худ,
Истод ӯ бо пои худ.

Аввал яке монд ӯ қадам,
Сонӣ бимонд ӯ ду қадам.

Сеюм қадам то монд боз,
Шерак шуду по монд соз.

Пас раҳравиро тан гирифт,
Бо пои худ рафтан гирифт.

# ҚИССАИ ЯКУ ЯК

Рӯзе Яку Як сайркунон дар раҳи хона
Гуфтанд сухан аз даҳу садҳову ҳазорон.
Ҷамъе зи куҷо омаду кард ин Яку Як Ду,
Як Ду чӣ кунад бе касу бе ҳамдаму ҳамсон?

Ду дар сари раҳ дид яке Зарбу ба вай гуфт:
--Эй Зарб, мадад кун, ки шавам ду Яки шаҳвор.
Аз дастаки Ду Зарб гирифту ба Ду зад зарб,
Лекин нашуд ӯ ду Яку баръакс бишуд Чор.

Чор аз бараки Зарб бишуд дур ба сад дард,
Рафт ӯ сари роҳе пайи ислоҳи чунин кор.
Як Тарҳи базеб омаду Ду тарҳ аз ӯ кард,
Ду гашт ҳамон Чораки бечора ба ночор.

Тақсим яке дид, ки Ду яккаву танҳост,
Тақсим бикардаш зи раҳи меҳр ба Ду боз.
Ду чун Яку Як гашт, ҳамон ду Яки танноз
Ҳамчун Яку Як хона бирафтанд сарафроз.

# ЯКУ ДУЮ ЯКУ ДУ . . .

Ду тан бо ҳам по мемонад,
Бо ҳам хуррам по мемонад.
Инаш бо ду пояш нозад,
Онаш бо ҳар чораш тозад:
Яку дую яку ду,
Яку дую сею чор!

Инаш ҳарфе онро гӯяд,
Онаш хомӯш инро бӯяд.
Попӯше ин дар по дорад,
Пои луч он раҳ бигзорад:
Яку дую яку ду,
Яку дую сею чор!

Ҳар ду аммо як ҷо гардад,
Ҳампаҳлӯю ҳампо гардад.
Ин як бача, яъне Шерак,
Он як сагча, яъне Зирак:
Яку дую яку ду,
Яку дую сею чор!

## МАШҚИ ҲИСОБ

Аввал бо якто панҷа
Кас бишморад то панҷа.
Ин дастатро дору санҷ:
-- Як, ду, сею чору панҷ!

Сонӣ бо дигар панҷа
Кас бишморад то панҷа.
Он дастатро дору санҷ:
-- Як, ду, сею чору панҷ!

Гар ду дастат таҳ гардад,
Ҳар ду панҷат даҳ гардад.
Акнун худ бишмору санҷ:
-- Як, ду, сею чору панҷ!

## МУБОРАКБОДӢ

(Аз А.Одинсова)

Шашсолаӣ ту акнун,
Шашсолагӣ муборак!
Шашсола -- чашму бинӣ,
Шашсола -- гӯшу торак.

Шашсола -- ишками ту,
Шашсола -- дасту поча.
Сар то қадам ту имрӯз
Шашсолаӣ, балоча!

Шаш кулча метавон хӯрд,
Шаш тарбузи алопар.
Шаш коса аз нишалло,
Шаш себу ноки дигар.

Аммо наметавон ёфт
Шаш ишками қаторак.
Бо як шикамчаат ҳам
Шашсолагӣ муборак!

## АНГУШТШУМОР

Бо ангуштам бишморам,
Осон гардад душворам:

Як, ду, се -- бисёр осон,
Чору панҷ -- аз пушти он.

Баъд ангушти шаш ояд,
Ҳафт аз пушти шаш ояд.

Сонӣ -- ҳашту нӯҳу даҳ,
Сонӣ, сонӣ, сонӣ . . . ваҳ!

Бисёр ангуштам мебуд,
Дониш дар муштам мебуд!

Китобхонаи бачагонаи
Чумхурй

## ЛАКЛАКШУМОР

Дар хонааш роҳат дошт
Як лаклак чун як лаклак.

Ногаҳ дид ӯ чандин саг
Тозон ояд бо «ак-ак».

Лаклак гуфт:
-- Ин сагҳоро
Ҳоло бишморам як-як.

Пас бишмурд ӯ:
-- Як! Як! Як!
Як! Як! Як! Як! Як! Як! Як!

Аммо даҳто як чанд аст?
Инро кай донад лаклак?!

# НОНШИКАНОН

Рӯзе Даҳу Нӯҳ омада буд даст ба даст,
Аз баҳри нишаст.
Ҳашт омаду худ халқа дар ин давра бубаст,
Чун дидаи маст.
Истод камар баста ба як пой, ки ҳаст,
Пас Ҳафти бадаст.
Шаш аз бари Панҷ омаду Чор аз бари Се,
Шодона басе.
Ду омаду хуш гуфт: -- Ҳама омадааст!
Як нон бишикаст.

## САНҶИШ

Як бор гуфто Ду ба Се:
– Чанд аст Ҷамъи Чору Панҷ?
–"Шаш бошад ин ё Ҳафт? Э...–
Санҷиш азобаш доду ранҷ.--

Ё ҳашт бошад? Ё ки Нӯҳ?
Э ҳар чӣ бодо, бод:

– Даҳ!

Нӯҳ ин шуниду гуфт:

– Ӯҳ!

Даҳ лаб газиду гуфт:

– Ваҳ!

## ЧИЛМАНГӮШТАК

Чилмангӯштак мебошад
Азбаски чун сарангушт,

Чилмангӯштак меғунҷад
Азбаски осон дар мушт,

Чилмангӯштак надорад
Азбаски дар бадан гӯшт,

Аз дилсӯзӣ одамҳо
Гӯянд ӯро:
--ЧИЛ МАН ГӮШТ!

# ФАРОМӮШӢ

Як мардаки тӯтибурут
Хӯрдаст се қуттӣ қурут.
Пас сад раҳ ӯ хӯрдаст печ,
Аммо надонистаст ҳеҷ:
Хӯрдаст лиму ё ки тут?

# ЧУМЧУҚ ЧӢ МЕГӮЯД?

Чумчуқ чӣ-чӣ мегӯяд,
Медонӣ, чӣ мегӯяд?
-- Дар мактаби чумчуқҳо
Ман аълочӣ! -- мегӯяд.

# СУРУДАКЕ ДАР БОРАИ ҲАРФИ «О»

ЯктО ҳарфи О кОбӣ,
СадҳО ҳарфи О ёбӣ.

О, мОнанди нОн аст О!
ҶО дар байни ҷОн аст О!

Лаб чун ғунча вО гардад,
Лаб не, балки О гардад!

Чашму гӯшу нОхунҳО -
О-ю О-ю О-ю О!

О чун мОҳи тОбОн аст,
О хуршеди хандОн аст!

Ин дунёи мО зебОст,
Ҳамчун ҳарфи О зебОст!

## САРГУЗАШТИ ЯК ҲАРФИ О-и ТАНҲОИ ТАНҲО

Мезист якто Ояке,
Як Ояки танҳояке.

Азбаски танҳо буд О.
Танҳо ҳамин О буд О.

Боре ба боғе омад О,
Аз байни роғе омад О.

Б соҳиби ин боғ буд,
Чашмаш ба роҳи роғ буд.

Омад чу дар боғ О падид,
Б гуфт:
-- О, хуш омадед!

О ногаҳон бетоб шуд.
Б-ро бидиду ОБ шуд.

## БО ҲАРФИ М ЧИҲО ШУД?

М як ҳафи танҳо буд,
Як ҳарфи бемаъно буд.

Рӯзе ҳамроҳи О шуд,
МО шуд, хеле фаҳмо шуд.

МО чун бо Ҳ шуд ҳамроҳ,
Олам равшан гашт аз МОҲ.

--М-ям афтад, - гуфто МОҲ,--
Аз ман монад танҳо . . . ОҲ!

Вай бо як Й МОҲӢ шуд,
Сӯйи дарё роҳӣ шуд.

# АЗ ТОҚЧА АФТОД «АЛИФБО»
(Аз Ю.Тувим)

Ё тавбае, чӣ гап шуд?
Э, ин чӣ доду фарёд?
Нохост як «Алифбо»
Аз рӯи тоқча афтод!

Ҳар сӯ фитода ҳарфе,
Бечораю бачора:
Г дида андак осеб,
Ж гашта пора-пора.

Ду лунҷи Ф варам кард.
О, ин чӣ бедавой!
Б-ро лапар парида,
Я-ро на сар, на пое.

О гашт С-и сарсахт
Пояш ба сар халида.
Нашнохт ҳеҷ касро,
А чун кушод дида.

## «РЕ» МЕГӮЯМ МАН БУРРО!

Ман ҳоло «дар» мегӯям.
Аъло «модар» мегӯям.
Дигар ҳар як ҳарфамро
Ман фаҳмотар мегӯям.

«Ре» мегӯям ман бурро,
Ре! Ре! Ре! Ре! Ре! Урро!

Ору дигар «олу» нест,
Дору дигар «долу» нест.
Карра «калла» не дигар,
Абру дигар «аблу» нест.

«Ре» мегӯям ман бурро,
Ре! Ре! Ре! Ре! Ре! Урро!

Ҳарфам дигар пар дорад,
Парвози дигар дорад.
Аз «Ре» комам ширин аст,
«Ре» оё шаккар дорад ?!

«Ре» мегӯям ман бурро,
Ре! Ре! Ре! Ре! Ре! Урро!

## ҲАФТ ОВОЗИ МУСИҚӢ

Ҳафт овози мусиқӣ
Бо ҷони мо ҳамранг аст,
Ҳафт овози мусиқӣ
Бунёди ҳар оҳанг аст:

Нақарот:
До-ре-мӣ-фа-сол-ла-сӣ,
Сӣ-ла-сол-фа-мӣ-ре-до!
Ло-ле-лӣ-ла-лол-ла-лӣ,
Лӣ-ла-лол-ла-лӣ-ле-ло!

Моро бар по хезонад,
Моро дар ҷо биншонад.
Хандонад гоҳе моро,
Моро гоҳе гирёнад.

Нақарот.

Ҳафт овози мусиқӣ
Нағз асту сеҳрангез аст!
Осон мехонад бо мо,
Зеҳни ҳар кас ки тез аст!

Нақарот.

## БАҲОИ «5»

Гулханда дар лаб оям,
Хандон зи мактаб оям.

Хандад чароғи ҷонам,
Бо ханда по бимонам.

Гӯям дигар нахандам,
Аз ханда лаб бубандам.

Аммо наметавонам,
Хандад лабу даҳонам . . .

Одам баҳо бигирад,
Панҷи расо бигирад!

## МУНДАРИҶА


Алла. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 5
Як ҷамъи Ду. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 6
Як тақсими Ду. . . . . . . . . . . . . . . . . . . 7
Ду лона - дар дӯлона. . . . . . . . . . . . . . 8
Сегона. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 9
Се хурмо. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 10
Мусиқии хомӯшӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . 11
Роҳравӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 12
Қиссаи Яку Як. . . . . . . . . . . . . . . . . . . 13
Яку дую яку ду. . . . . . . . . . . . . . . . . . 14
Машқи ҳисоб. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 15
Муборакбодӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 16
Ангуштшумор. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 17
Лаклакшумор. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 18
Нонշиканон. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 19
Санҷиш. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 20
Чилмангӯштак. . . . . . . . . . . . . . . . . . . 21
Фаромӯшӣ. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 22
Ҷумчуқ чӣ мегӯяд? . . . . . . . . . . . . . . . 23
Сурудаке дар бораи ҳарфи "О" . . . . 24
Саргузашти як ҳарфи "О"-и танҳои танҳо. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 25
Бо ҳарфи "М" чиҳо шуд? . . . . . . . . . . 26
Аз тоқча афтод "Алифбо". . . . . . . . . 27
"Ре" мегӯям ман бурро! . . . . . . . . . . . 28
Ҳафт овози мусиқӣ . . . . . . . . . . . . . . 29
Баҳои "5" . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 30

# ҶӮРА ҲОШИМӢ

# АЗ ЯК-ЯК ТО ЛАК-ЛАК


*Муҳаррир* **А. Худодод**
*Муҳарири техникӣ* **Юсуфӣ**
*Рассом* **А. Абдуллоев.**

Ба чопаш 07.02.2000 имзо шуд. Формати 60х84 1/16. Коғази офсет. Ҷузъи чопи шартӣ 2,0. Адади нашр 1000 н. Супориши № 41

Нашриёти "Маориф" -и Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев,17.

Матбааи аввалини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон,Душанбе,хиёбони Рӯдакӣ,37.